То имон наёваред ба биҳишт ворид намешавед ва имон намеоваред, то ин ки ҳамдигарро дӯст бидоред. Оё шуморо ба чизе роҳнамоӣ накунам, ки агар анҷомаш диҳед байни шумо муҳаббат пайдо шавад? Саломро байни худ паҳн кунед

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "То имон наёваред ба биҳишт ворид намешавед ва имон намеоваред, то ин ки ҳамдигарро дӯст бидоред. Оё шуморо ба чизе роҳнамоӣ накунам, ки агар анҷомаш диҳед байни шумо муҳаббат пайдо шавад? Саломро байни худ паҳн кунед."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён намудааст, ки танҳо муъминон вориди биҳишт мешаванд ва имон комил намешавад ва вазъи ҷомеаи мусалмонӣ беҳбуд намеёбад, то он ки мусалмонон якдигарро дӯст бидоранд. Сипас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) моро ба беҳтарин корҳое, ки сабаби паҳн шудани муҳаббат мешавад, роҳнамои карданд, ки он паҳн кардани салом миёни мусалмонон аст. Чизе, ки Аллоҳ Таъоло онро миёни бандагонаш салому дуруд қарор додааст.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3361